ХУЛОСАИ
ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-016
НАЗДИ ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОҲТЕМУР
БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМ

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 18.04.2026, протоколи №176

Барои сазовор донистани Шарифзода Суҳроб Каримхон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ.

Диссертатсияи Шарифзода Суҳроб Каримхон дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ санаи 04-уми феврали соли 2026, протоколи №169 аз тарафи шурои диссертатсионии 6D.КОА-016, дар назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур (734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 146), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, таҳти №14/шд таъсис дода шуда, бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05-уми январи соли 2026, №3/шд фаъолияти шурои диссертатсионӣ ба Таснифоти ихтисосхои илмии доктори фалсафа (PhD) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Феҳристи ихтисосҳои илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шудааст, барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Шарифзода Суҳроб Каримхон, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, 24-уми январи соли 1988 таваллуд шудааст. Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 2007-ум ба факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дохил шуда, соли 2012 донишгоҳи мазкурро бо тахассуси иқтисодчӣ хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатиро аз соли 2017 оғоз намуда, солҳои 2017 - 2019, ҳамчун ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, соли 2019 танзимгари факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, соли 2020 танзимгари факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, аз соли 2021 то ҳол ассистенти кафедраи менеҷмент ва маркетинг (айни замон иқтисодиёти рақамӣ ва идоракуни)-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:

Мирсаидов Аврор Бобоевич – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи назарияи иқтисод ва таҳқиқоти институтсионалӣ Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

Арабов Фирдавс Пулодович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм ва инноватсияи Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон;

Одиназода Шоҳин Талбак – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва тадқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар тақризи мусбат, ки аз ҷониби эксперт Нурализода Э.Н. – доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессори кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз 26-уми марти соли 2026, протоколи №8 баррасӣ гардида, раисикунанда Холов Р.Ш.– номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва котиби ҷаласа Урунбоев А.– дотсенти кафедраи мазкур ба он имзо гузоштаанд ва аз тарафи ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор тасдиқ шудааст.

Дар тақриз хулоса бароварда шудааст, ки кори диссертатсионӣ дар мавзуи «Таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи диссертатсия Шарифзода Суҳроб Каримхон сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Дар хулосаи мусбат қайд шудааст, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 14 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда дорад.

Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:

а) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1-М]. Шарифов С.К. Самаранокии истифодабарии захираҳои заминҳои кишоварзӣ дар вилояти Хатлон. [Матн]. / С.К. Шарифов / Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – Бохтар, 2021. - №1/4(92). - С. 238 - 241.

[2-М]. Шарифов С.К. Моҳияти арзёбии иқтисодии замин ва раванди тадбиқи стратегияҳо ва барномаҳо дар самти истифодаи замин. [Матн]. /С.К. Шарифов // Маҷаллаи илмии «Кишоварз»-и Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур. – Душанбе, 2023. - №1(98). – С. 297-302.

[3-М]. Шарифов С.К. Мукаммалгардонии механизмҳои идоракунии такрористеҳсоли заминҳои таъиноти кишоварзӣ. [Матн]. /С.К. Шарифов, А.Б. Мирсаидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. - №4. – Қисми 1. - С. 116-122.

[4-М]. Шарифов С.К. Муносибатҳои назариявӣ доир ба моҳият ва арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ. [Матн]. / А.Б. Мирсаидов, С.К. Шарифов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. - №1(51). - С. 185 - 193.

[5-М]. Шарифзода С.К. Таҳлили иттилоотию самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлим дар мисоли вилояти Хатлон. [Матн]. / С.К. Шарифзода // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2025. - №3(74). - С. 352 - 359.

б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд:

[6-М]. Шарифов С.К., Саҳми соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон дар таъмини амнияти озуқаворӣ. [Матн]. /С.К. Шарифов, Ф.Ш. Ҳасанова /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Ташаккули бахши молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нақши он дар рушди устувори иқтисоди миллӣ» – Кӯлоб (17 декабри соли 2022. – С. 504-507.

[7-М]. Шарифов С.К. Моҳияти масъалаҳои асосии назариявӣ ва методологии арзёбии заминҳои кишоварзӣ. [Матн]. /С.К. Шарифов /Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Душанбе 2023. №3. – С. 54-57.

[8-М]. Шарифов С.К. Таҳлили самараноки иқтисодии истифодаи заминҳои кишоварзии минтақаҳои Тоҷикистон. [Матн]. /Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Масоили муҳимми таъмини амнияти иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон дар шароити муосир» - Кӯлоб, 9-10/06/2023. – С 582-586.

[9-М]. Шарифов С.К. Асосҳои маънидодкуниҳои иқтисодии захираҳои замин ва қитъаи замин. [Матн]. /С.К. Шарифов /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми идоракунии инноватсияҳо дар корҳонаҳои саноатӣ» – Кӯлоб, 20 октябри соли 2023. – С 117-119.

[10-М]. Шарифов С.К. Амалӣ намудани тадбирҳои агротехникӣ, агрохимиявӣ ва мелиоративӣ дар такрористеҳсоли заминҳои кишоварзӣ. [Матн]. Н.Б. Комилов, С.К. Шарифов /Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» – Кӯлоб, (19-20.12.2023. – С 679-183.

[11-М]. Шарифов С.К. Арзёбии сатҳи самараноки истифодаи заминҳои кишоварзии вилояти Хатлон. [Матн]. /С.К. Шарифов /Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» – Кӯлоб, (19-20.12.2023. – С 683-186.

[12-М]. Шарифзода С.К. Арзёбии бозории заминҳои кишоварзӣ, бартарӣ ва камбудиҳо, (дар мисоли хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон). [Матн]. /С.К. Шарифзода, Г.П. Давлатов /Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – назариявӣ дар мавзуи «Муаммоҳои муосири баҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил ва аудит

дар шароити ғайринақдикунонии пардохтҳо» (ш. Кӯлоб, 10 октябри соли 2024). – С 184-187.

[13-М]. Шарифзода С.К. Такмили муносибатҳои бозорӣ ва методҳои арзёбии иқтидори заминҳои кишоварзӣ. [Матн]. /С.К. Шарифзода, Ф.Ш. Ҳасанзода /Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит дар шароити иқтисоди рақамӣ ва саноаткунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон» –Душанбе, 09.11.2024. – С 206-211.

[14-М]. Шарифзода С.К. Афзалияти соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза. [Матн]. /С.К. Шарифзода/ Маводи конференсияи байналмилалӣ илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Шароитҳои гидрологии Тоҷикистон ва ҳифзи манбаъҳои обӣ омили таъмини иқтисодиёти сабз дар минтақа» –Кӯлоб, 14.03.2025. – С 158-161.

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:

1. Садриддинов М.И. – доктори илмҳои иқтисодӣ, мудири шуъбаи кор бо мактаббачагони назди Раёсати АМИТ бо чунин эрод:

1) таҳлили вазъи иқтисодии соҳаи кишоварзӣ дар баъзе аз ҷадвалҳои муаллифӣ (ҷадвали 9, саҳифаи 28) пурра акси худро наёфтааст.

2) Дар матн баъзе камбудиҳои хурди таҳрирӣ ба назар мерасанд,

2. Ҳамдамзода Х.А. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо чунин эродҳо:

1) Дар автореферат, дар умум, таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба таъмини иттилоотиву таҳлилии идоракунӣ, танзим ва назорати фаъолияти субъектҳои иқтисодии истифодабарандагони замин дарҷ гардида, таҷрибаи кишварҳои мушаххас ва то чӣ андоза мувофиқ будани онҳо ба вазъ ва шароити соҳаи кишоварзии кишвар асоснок карда нашудааст (саҳифаи 16);

2) Дар саҳифаи 25-и автореферат дар ҷадвали 7 «Майдони кишт дар шаклҳои хоҷагидории вилояти Хатлон» майдонҳои кишти дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои аҳолӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ ва парвариши маҳсулотҳои кишоварзӣ дар ин заминҳо оварда шуда, аммо дар ҷадвали мазкур воҳиди ченак нишон дода нашудааст;

3) Дар автореферат баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ низ мушоҳида мегардад.

3. Сафарова М.Б. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1) Дар саҳифаи 26 ҷадвали 8 нишондиҳандаҳо пурра таҳлил нагардида ва ҷумлабандии дар таҳлил овардашуда мазмунан низ таҳрирталаб аст;

2) Ҷадвалҳои овардашуда нишондиҳандаҳои соли 2024-ро дар бар мегирифт, аҳаммияти илмии кори диссертатсионӣ боз ҳам баландтар мегардид;

3) Дар автореферат баъзе хатогиҳои грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешавад.

4. Аҳмадов Р.Р. – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии давлатӣ ва маҳаллии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо чунин эродҳо:

1) Дар расми 4, саҳифаи 24 авторефератӣ диссертатсия сатҳи нобаробарии нишондиҳандаи истифодаи самараноки майдони кишти зироати хоҷагиҳои ноҳияҳои

вилояти Хатлон таҳлил шудааст. Аммо, муҳтавои асоси ва сабабҳои мавҷуда дар ҳаҷми зарурӣ тавзеҳ нагардидааст;

2) Дар матни автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, қисме аз эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар асоснок карда мешаванд: интихоби муқарризони расмӣ бо пешниҳоди комиссияи ташхисии шурои диссертатсионӣ, инчунин бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқи масъалаҳои назариявию амалӣ ва методологии таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва такмили механизми он, истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворию кишвар, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳаммияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст; интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси таҳқиқоти илмӣ:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ мафҳуми таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ пешниҳод карда шуда, таъсири он ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, баҳои арзиши экологӣ-иқтисодии заминҳои мазкур, таъмини истиқлолияти озуқаворӣ **ошкор карда шудааст;**

- дар асоси таҳқиқ ва омӯзиши адабиёти ватанию хориҷӣ ҷанбаҳои услубӣ оид ба арзёбии иқтидори иқтисодии заминҳои таъйиноти кишоварзидошта **ошкор карда шуда,** шарҳи муаллифии ин шарҳи моҳияти стратегии захираҳои иттилоотӣ оид ба заминистифодабарии кишоварзӣ **пешниҳод карда шудаанд;**

- дар асоси таҳлили илмӣ ва гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасонанда ба самаранокии заминистифодабарӣ (иқтисодӣ, табиӣ-иқлимӣ, институтсионалӣ ва иттилоотӣ) принсипҳои ташкили низоми мониторинги комплексии заминҳои кишоварзӣ мушаххас ва **асоснок карда шуда**, роҳҳои такмили ҳамгироии маълумоти оморӣ, кадастрӣ ва истеҳсолӣ **пешниҳод гардидаанд;**

- таҷрибаи пешрафтаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба доир ба ташкили таъминоти иттилоотии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ **пешниҳод карда шудааст** ва имкониятҳои истифодаи он дар шароити мушаххаси вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон **арзёбӣ гардидааст;**

- ҳолати муосири соҳаи кишоварзии вилояти Хатлон таҳлил карда шуда, иқтидори иқтисодии захираи заминҳои кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотӣ **баҳо дода шуда**, муаммоҳои баланд бардоштани иқтидори заминҳои кишоварзӣ **ошкор карда шудааст**;

- механизми такмили низоми иттилоотии заминистифодабарӣ бо дарназардошти рақамикунонии равандҳо, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва системаҳои иттилоотии географӣ **пешниҳод гардида**, самтҳои ҳамгироии базаҳои додаҳои

кадастрӣ ва оморӣ бо низоми дастгирии қабули қарорҳои идоракунӣ **асоснок карда шудаанд**;

- фарзияи илмӣ бар он асос ёфтааст, ки дар натиҷаи такмил додани методҳои таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи иқтидори иқтисодии заминҳои кишоварзӣ самтҳои истифодаи самараноки онро муайян менамояд ва имкон медиҳад, ки қабули илман асосноки қарорҳои оқилонаи идоракунӣ доир ба истифодаи заминҳо ва стратегияҳои рушди корхонаҳои кишоварзӣ сурат гирад.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад, ки дар он:

- **асосҳои назариявии таҳқиқотро** масъалаҳои асосноккунии муқаррароти назариявӣ ва методологӣ оид ба масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, таҳияи низоми идоракунии такрористеҳсоли захираҳои замин дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ, танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ такмили механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ ва таъсиси низом (кластер)-и ягонаи иттилоотиву таҳлилии истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ ва масоили амсоли инҳо ташкил додаанд ва дар заминаи онҳо кӯшишҳои муаллиф оид ба тақвияти ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ **илман асоснок карда шудааст**;

- дар асоси омӯзиши адабиёти тахассусии соҳавӣ паҳлуҳои назариявии таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, аз ҷумла тавсифи ин категорияҳо ва хусусияту принсипҳои онҳо бо назардошти инкишофи муносибатҳои нави бозорӣ равшан **ошкор карда шудааст**;

- методологияи арзёбии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ бо дарназардошти нишондиҳандаҳои натуралӣ ва арзишӣ **таҳия ва асоснок карда шуда,** омилҳои ба самаранокии заминҳои кишоварзӣ таъсиркунанда **ошкор карда шудааст**;

- модели мониторинги бисёрсатҳавии истифодаи замин (сатҳи хоҷагӣ - ноҳия - вилоят) **таҳия гардида**, марҳилаҳои ҷамъоварӣ, таҳлил ва қабули қарорҳои идоракунӣ мушаххас карда шуда, дар доираи ин модел механизми арзёбии тағйироти сохтори кишт, сатҳи истифодаи нуриҳо ва таъсири онҳо ба ҳосилнокӣ **асоснок карда шудааст;**

-механизми таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ дар асосии танзими давлатии муносибатҳои аграрӣ-заминдорӣ **пешниҳод карда шуда,** оқилона ва дуруст истифодбарии заминҳои кишоварзӣ дар заминаи рушди устувори соҳаи кишоварзӣ барои даврaҳои дарозмуҳлат **асоснок карда шудааст;**

- механизми дастгирии давлатии рушди субъектҳои хоҷагидорӣ, бахусус хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар заминаи таъминоти иттилоотиву таҳлилӣ барои вилояти Хатлон **пешниҳод шудааст;**

- дар кори илмӣ вобаста ба предмети таҳқиқот усулҳои диалектикӣ, абстрактӣ-мантиқӣ, монографӣ, иқтисодӣ-математикӣ, иқтисодӣ-оморӣ ва дигар усулҳои таҳқиқотии иқтисодӣ **истифода шудаанд**;

- асарҳои бунёдии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ оид ба иқтисодиёти аграрӣ, монографияҳо ва таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, танзими давлатии муносибатҳои иқтисодӣ доир ба истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ дар шароити гуногунсозии (диверсификатсияи) истеҳсолоти кишоварзӣ **заминаҳои назариявии таҳқиқотро** ташкил додаанд;

- аҳаммияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот аз коркарди усулҳои назариявӣ ва методологии такмили таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ **иборат мебошад.**

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ мегардад:

Дар кор карда баромадани таъминоти методии равандҳои истифодаи самараноки заминҳои соҳаи кишоварзӣ дар иқтисодиёти вилояти Хатлон ва арзёбии истифодаи бехатари онҳо ифода меёбад. Натиҷаҳои таҳқиқотро роҳбарон ва мутахассисони корхонаҳои кишоварзӣ, раёсати кишоварзии мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳангоми асоснок ва мушаххас кардани самтҳои тараққиёти истеҳсолоти кишоварзӣ дар зинаҳои гуногун истифода бурда метавонанд. Тавсияҳои амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҳисоби истифодаи самараноки заминҳои кишоварзӣ, аз ҷониби субъектҳои хоҷагӣ иқтисодиёти вилояти Хатлонро, дар ояндаи дарозмуддат беҳтар мегардонад.

Натиҷаҳои ба даст овардашударо метавон дар раванди таълим ҳангоми хондани фанҳои иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ, идоракунӣ дар комплекси агросаноатӣ, иқтисодиёти кишоварзӣ, заминсозӣ ва монанди инҳо мавриди истифода қарор дод.

Натиҷаҳои таҳқиқоти методиву назариявии гузаронидашуда метавонанд дар оянда ҳамчун пояи маълумотӣ барои таҳқиқот, коркард ва таҳияи барномаҳо ва ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқии ташкили оқилонаи истеҳсолоти кишоварзӣ дар асоси таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, таҳияи тавсияҳо ва пешниҳодҳо оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолти кишоварзӣ ва таъмини амнияти хӯрокворӣ кумак расонанд. Пешниҳод ва тавсияҳои дар диссертатсия коркардашуда метавонанд барои корхонаҳо ва хоҷагиҳои кишоварзӣ ҳамчун намунаи дастурӣ оид ба дуруст истифода намудани замин гарданд.

- **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:**

- ғоя дар асоси муқаррароти эътирофшудаи илми иқтисодӣ дар самти таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, таҳқиқи нишондиҳандаҳо ва муайянкунии омилҳои таъсиррасон ба ба онхо, оптималикунонии махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо назардошти диверсификатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ, маводҳои маҷаллаҳои махсуси соҳавӣ, инчунин маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои пурсишҳои роҳбарони хоҷагиҳои кишоварзӣ ва истифодаи дурусти усулҳои низомсози ҳалли мушкилот мувофиқ мебошад.

- назарияи асосӣ ва таҳлилҳо бо паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳову барномаҳои давлатӣ

“Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии соҳаҳои комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз 5 марти соли 2007, № 241 бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2022, № 1866), «Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2022», «Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», «Барномаи давлатии азхудкунии заминҳои нави обёришаванда ва барқарорсозии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» ва мушоҳидаҳо, таҳлилу таҳқиқотҳои худи муаллиф, нашрияҳои даврӣ, захираҳои иттилоотии интернет ва ҳуҷҷатҳои амсоли инҳо асоснок карда шудааст;

- **истифодаи ғояи асосии диссертатсия** ба ақидаи олимони классикии соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ дар самти таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, хусусиятҳо ва омилҳои таъсиррасон ба онҳо дар шароити вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон такя мекунад;

-коркарди тавсияҳои илман асоснок оид ба такмили таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ анҷом пазируфта ва дар заминаи онҳо самтҳои самаранок истифода бурдани заминҳои кишоварзӣ **таҳия шудааст.**

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки:

- дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия, дар иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъоварӣ, коркарди маводи назариявию методӣ муаллиф мустақилона кору фаъолият намудааст. Ҳамаи натиҷаҳои дар диссертатсия ҳосилшуда маҳсули таҳқиқи шахсии муаллиф мебошанд;

- **дар раванди таҳқиқот** аз ҷониби муаллиф таҳқиқи фарзияҳои илмӣ гузаронида шудаанд, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти таъминоти иттилоотиву таҳлилии истифодаи заминҳои кишоварзӣ аниқ ва такмил дода шудааст;

-аз ҷониби муаллиф гурӯҳбандии омилҳои таъсиррасонанда ба самаранокии заминистифодабарӣ (иқтисодӣ, табиӣ-иқлимӣ, институтсионалӣ ва иттилоотӣ) принсипҳои ташкили низоми мониторинги комплексии заминҳои кишоварзӣ такмил дода шудааст;

- муаллиф беҳтар намудани таъминоти иттилоотиву таҳлилии самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ пешниҳод намудааст, ки он барои баланд бардоштани самаранокии соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворию мамлакат имконият фароҳам меорад.

-натиҷаву тавсияҳои таҳқиқоти дисертатсионии муаллиф дар фаъолияти Сарраёсати кишоварзии вилояти Хатлон (санади татбиқ №01/28 аз 15.01.2025), Раёсати кишоварзии шаҳри Кӯлоб (санади татбиқ №13 аз 26.02.2025), татбиқ карда шудааст;

- муқаррароти асосии диссертатсия дар 14 кори илмӣ дар ҳаҷми умумии 4,25 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда, нашр гардидаанд;

- натиҷаҳои таҳқиқот дар як қатор мақолаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ, маводҳои конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Тавсия ва пешниҳодҳои таҳияшудаи муаллиф дар конфронсҳо ва семинарҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, конференсияҳои илмию амалӣ дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шакли маърузаҳо пешниҳод гардидаанд.

Дар маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-016 аз санаи 18 - уми апрели соли 2026 қарори сазовор донистани Шарифзода Суҳроб Каримхон бо дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.6. Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 9 нафар, 9 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла докторони илм 8 нафар аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 9 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 9 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З.Р.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Олимов А.Х.

18 – уми апрели соли 2026

Имзоҳои Шарифов З.Р. ва Олимов А.Х.- ро тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ
ва кадрҳои Донишгоҳи аграрии
Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур Курбонзода А.Х.